**Андоз аз воситаҳои нақлиёт**

**Моддаи 360. Меъёрҳои андоз**

1. Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт вобаста ба иқтидори муҳаррик, фишори муҳаррики реактивӣ, номгӯй, ҷои нишаст, иқтидори борбардорӣ, соҳаи фаъолият бо ҳисоби як қувваи аспи иқтидори муҳаррик, як кВт/соат қувваи барқи иқтидори муҳаррик ва як килограмм - фишори муҳаррики реактивӣ, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

| Номи объектҳои андозбандӣ | Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо (барои ҳар як қувваи асп) | 2,5 |
| Автомобилҳои сабукрав (барои ҳар як қувваи асп):<br>- то 250 қувваи асп<br>- аз 250 то 300 қувваи асп<br>- аз 300 то 350 қувваи асп<br>- зиёда аз 350 қувваи асп | <br>7,5<br>10<br>12<br>15 |
| Автобусҳо то 12 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 7,5 |
| Автобусҳо барои 13-30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 8,5 |
| Автобусҳо зиёда аз 30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 9,5 |
| Автомобилҳои боркаш ва воситаҳои нақлиёти дигари иқтидори борбардориашон то 10 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 11 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 12,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 13,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 14,5 |

| | |
|---|---|
| Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтмон, механизмҳои худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истиснои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 2 |
| Барфгард, чанаҳои муҳаррикдор (барои ҳар як қувваи асп) | 1,8 |
| Завракҳо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбондор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти дигари обӣ (барои ҳар як қувваи асп) | 15 |
| Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 1 |
| Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти дигари ҳавоӣ (барои ҳар як килограмм-фишори муҳаррики реактивӣ) | 10 |

Эзоҳ: Барои объектҳои андозбандие, ки иқтидори муҳаррики онҳо пурра бо қувваи барқ ифода ёфтааст, 50 фоизи меъёрҳои дар ҷадвал муқарраршуда барои ҳар 1 кВт соат истифода карда мешавад. Барои автомобилҳои дорои ҳам муҳарики дарунсӯз ва ҳам барқӣ андоз аз рӯи муҳарике, ки иқтидори баландтар дорад ва агар иқтидораш баробар бошад, аз рӯи иқтидори муҳарики дарунсӯз ҳисоб карда мешавад.

2. Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳамасола то 1 феврали соли тақвимӣ дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 361. Озодкунӣ**

Воситаҳои нақлиёти зерин аз андозбандӣ озод карда мешаванд:

- тракторҳо, комбайнҳои муҳаррикдори ғалладарав, пахтачин ва махсус, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд;
- автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум барои мусофиркашонӣ истифода мебаранд;
- воситаҳои нақлиёти тиббии махсус;
- воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси баҳисобгирифташуда;
- як автомобили сабукрави ба маъюби гурӯҳи I ё II тааллуқдошта;
- нақлиёти саноатии роҳи оҳан (ба истиснои локомотивҳо);

- як автомобили сабукрав, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, дорандаи ордени «Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ордени «Зарринтоҷ», ордени «Исмоили Сомонӣ», иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахси ба ӯ баробаркардашуда, иштирокчии дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, ҷанговари интернатсионалист, иштирокчии рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошад.